**Гулчеҳра Муҳаммадиева**

# ЯКЕ БУД,
# ЯКЕ НАБУД…

***(Афсонаҳо)***

Душанбе
«Адиб»
2018

ББК 84 Тоҷик 7-5
М-34

Муҳаррир *Сафар Амирхон*

М-34 **Гулчеҳра Муҳаммадиева. Яке буд, яке набуд** *(афсонаҳо)*. –
– Душанбе, «Адиб», 2018, 32 саҳ.

Хонандаи хушзавқи тоҷик бо асарҳои нависандаи рангинхаёл, нозукбин Гулчеҳра Муҳаммадиева дербоз ошност. Дар китоби «Дунёи бачаҳо» ӯ хостааст ба бачаҳои хурдсоли мо ба воситаи масалҳо дарси ибрат омӯзонад.

Умедворем, маҷмӯаи навбатии муаллиф низ мақбули хонандагон мегардад.

ISBN 978-99947-2-550-2

© Нашриёти «Адиб», 2018

# САНҶОБ ВА ХОРПУШТ

Яке буд, яке набуд, дар як замон ва дар як макон, дар як беша ҷонваракони зиёде умр ба сар мебурданд. Дар байни онҳо санҷоб ва хорпушт низ буд. Онҳо бо якдигар хеле дустона умр ба сар мебурданд.



Санҷоб пашми маҳину мулоими зебо дошт. Хорпушт бошад баръакс сиёҳ буду баданаш пур аз хорҳои тез.

Ба ҳама ин гуногунӣ нигоҳ накарда, онҳо дӯст буданд ва соате бе якдигар истода наметавонистанд.

Дигар олами вуҳуши боғ хурусу каламушу заргушу саг ба дӯстии онҳо ҳасад мебурданд.

Хурус қуд-қудкунон назди санҷоб омада:



– Ҳай-ҳай, санҷоби зебои беша. Дар зебоӣ ту ҳамто надорӣ, аз ҳама зеботарӣ. Ба пусти маҳину зебои худ нигару ба хорҳои дурушти рафиқат. Магар дӯстро ҳамин хел интихоб мекунанд?

Гурба думашро ликонда:



– Санҷоб, наход бо чунин зебогӣ ту бо ҳамин хорпушти пур аз хор дӯст бошӣ?

Каламуш бошад:



– Санҷоб, тамоми паранадаю чарандаи беша ба ҳоли ту механданд. Як дӯсти ба худат мувофиқ наёфтӣ? Биё бо ман дӯстӣ кун.Ман аз хорпушт дида зеботарам.

Заргушаки тарсончак ҳам овоз баровард:



– Санҷоб, номат ба худат зебанда аст. Афсус дӯстат не – гуфта буд, ки садоеро шунида тарсида, гурехта рафт.

Баъди ҳамаи ин суханҳо санҷоб ба фикр фурӯ рафт. Лаби об рафт ва дар он симои зебояшро дида худ ба худ:

– Мани сода бо чунин зебоӣ бо як хорпушти пур аз хор дустӣ дорам. Дигар намехоҳам ин дӯстиро – гуфт.



Хорпушт бехабар аз ҳасуду бадгӯиҳо дар ҷӯстуҷӯи санҷоби дӯсташ буд. Зери дарахте ӯро ёфта:

– Дӯсти азизам санҷоб, дар кучоҳо мегардӣ? – гуфта пурсон шуд.Санҷоб мехост гӯяд, ки дигар бо ӯ дӯстӣ кардан намехоҳад. Дар ҳамин ҳолат саги калоне назди онҳо ҳозир шуд ва хост санҷобро луқмаи хом кунад.



Хорпушт бо хорҳои пушташ ба саг ҳамла кард ва дод зад:
– Дӯстам санҷоб, тез болои дарахт баро!



Ҳамин тавр хорпушт ҷони дӯсташ санҷобро халос кард.



Санҷоб бошад, аз хулосаи баровардааш, ки дигар бо хорпушт дӯстӣ намекунад, шармаш омад. Ӯ фаҳмид, ки дӯстӣ ба рангу рӯ ва шакл вобаста набудааст. Дӯстӣ аз самими дил берун мешудааст.

Дӯстии хорпушт ва санҷоб то ба имрӯз давом дорад.

## АНКАБУТ
*(тортанак)*

Буд набуд, анкабуте буд, ки аз саҳар то шом тор метаниду тор метанид. Бо ҳазор намуд тор метанид. Нақшҳои зебоеро дар домаш ҷо мекард. Серкор буд, бо сари хам тор метанид ва тани танҳо тор метанид.



Ногоҳ пашае ба домаш афтод, аммо анкабут, ки серкор буд ба паша аҳмият надода, тор метанид.



Паша ба ёрӣ даъват кард. Ҳамболаш – пашаи дигар парида омада ба ӯ ёрӣ доду аз дом озодаш кард.

Анкабут ҳамоно тор метанид Оруе ба домаш афтод.



Анкабут серкор буд. Оруро низ ҳамҷинсаш аз дом раҳо кард. Анкабут бо қаҳр ва ғайрати дучанд тор метанид…

Шоҳпараке болои гулҳо парвоз карда аз бӯи хуши гулҳо сармаст ба доми анкабут афтид.



Ба ёрӣ даъват кард. Шоҳпараки дигаре омада парҳои зебои ӯро аз дом раҳо карда, ҳарду парвозӣ шуданд сӯи гулҳои ҳазорранг. Абдулло, зери сояи чойлоби ангур дароз кашида, дам мегирифт. Беихтиёр шоҳиди тор танидани анкабут ва ба дом афтидани дигар паррандаҳо гашт.

Ӯ аз падар пурсон шуд:

– Падарҷон, чаро анкабут туъмаи ба дом афтодаашро аз даст дод?

– Чунки ӯ танҳо буд. Агар майли туъмааш мешуд, тори танидааш вайрон мегашт ва ӯ маҷбур буд аз сар тор танад.- ҷавоб дод падар.

– Чаро танҳо аст, падарҷон?



– Чунки нияташ бад аст, ҳамеша дом меандозад ва ба касе дасти ёрӣ дароз намекунад, ҳамроҳ ва дӯст надорад. Ана, пашаю орӯю шоҳпарак бошад, дар вақти лозима ба ёрии якдигар мешитобанд. Байни онҳо дӯстӣ аст.

– Падарҷон, ман аз рафтори ин парандаҳо эҳсос кардам, ки барои инсон ҳам дӯстӣ дар мадди аввал бояд бошад.

– Офарин, писарам, хуб дарк кардӣ! Рафтори бади анкабут барои ту дарс
шуд.

## Барфак

Дар як замон, дар як макон Моҳира ном зане умр ба сар мебурд. Баъди хонадор кардани духтаронаш холаи Моҳира дар ҳавлии калон танҳо монд.



Шавҳараш амаки Анвар якчанд сол пеш аз бемории сактаи дил олами фониро падруд гуфта буд. Ягона хурсандӣ ва машғулияти холаи Моҳира гурбааш – Барфак буд. Гурбаи хола пахта барин сап-сафед, ягон ҷояш холе ҳам надошт. Аз ин лиҳоз хола гурбаашро Барфак ном ниҳод. Ҳар пагоҳӣ баъди саришта кардани корҳои хона, аз қабили гов дӯшида онро ба пода ҳай кардан, мурғҳоро дон додан,



хонаю ҳавлиро рӯбучин кардан, хола болои суфаи таги тути калони ҳавлӣ дастархон густурда, Барфакашро ба бағал гирифта, бо ӯ сӯҳбат мекард.



– Барфакҷон, ин пагоҳӣ дилакат чӣ мехоҳад? Ширчой кардам, биё, якҷоя танавул кунем, – гуфта хола дар косае, ки махсус барои Барфакаш ҷудо карда буд, шир рехту аз лаъличаи рӯи дастархон бо нуги корд каме маска бурида ба косаи ӯ андохт.

Духтарони хола, ки дар ҳамон деҳа, дар ҳамсоягии модар ба шавҳар баромада буданд, тез-тез аз аҳволи ӯ хабар мегирифтанд. Аз таклифи онҳо, ки модар ба хонаи онҳо кӯчида равад, холаи Моҳира доимо ҷавоби рад медод.

Ҳар гоҳе духтарон меҳмони модар мешуданд, ба рафтору дӯстдориҳое, ки ӯ нисбат ба гурба мекард, дар ҳайрат монда:

– – Очаҷон, ба фикрамон аз мо дида Барфакатонро дӯсттар медоред,-гуфта механдиданд.

– – Магар ба Барфаки ман шумоён рашк мебаред? Гуфтам намеравам, намеравам.

Деҳаеро, ки холаи Моҳира мезист, аз як тараф кӯҳ, дигар тараф беша печонда гирифта буд. Баҳору тобистон ҷои

тамошо ва хеле хушманзара. Болои теппаҳо гулҳои садранг шукуфта, буи муаттари онҳо ба машом форам мерасид. Чаҳ-чаҳи мурғони хушхон, шир-шири оби мусаффо ва шаффофи чашмасорон, ки баҳорон сероб шуда ба поён ҷорӣ буд, ба кас ҳаловат мебахшид. Аммо тирамоҳу зимистонаш, ки хеле сард буд, барои мардуми деҳа каме мушкилӣ мекашид. Болои кӯҳ ва даруни беша ҳайвоноти ваҳшии гуногун дошт. Шамол уллоси гургонро меоварду гоҳ-гоҳ мардуми деҳ дар гирди хонаи худ рубоҳу ҷайра медиданд. Аз ҳамин лиҳоз, дар хонаи ҳамдеҳаҳо, албатта, саг буд, чунки гургу рубоҳ аз саг тарсида ба катаки мурғон наздик шуда натавонанд.

Танҳо дар ҳавлии Моҳираино саг набуд. Боре бо маслиҳати ҳамсояҳо сагеро ба хона овард. Рӯзи дароз саг гурбаро пеш мекарду бибӣ аз қафои онҳо овора. Ба хотири Барфакаш ӯ аз баҳри саг гузашт.

Онҳо – хола ва гурба бо ҳам хеле дӯстона зиндагонӣ мекарданд.

Куҷое хола равад, гурба аз думаш кашола, байни пойҳояш мепечид. Агар ба оғил барои говдушӣ равад, гурба аз дур истода мегӯи холаро ҳамроҳӣ мекард. Назди катаки мурғон, низ якҷоя мерафтанд. Агар дар куфта шавад пеш аз хола Барфак дар остона ҳозир буд. Бо чашмони сабзи зебояш бо диққат ба рӯи хола нигариста суханони ӯро фаҳмидани мешуд. Вақти истироҳати хола думакашро ликонда мехост соҳибашро навозиш кунад.

Гоҳ-гоҳе гурба холаро хафа мекард. Одати аз рӯи дастархон маскаро гирифта гурехтан дошт. Гарчанде хола такрор ба такрор мегуфт:

– – Барфак, ин одати хуб нест, онро дуздӣ мегӯянд. Чӣ қадаре хоҳӣ ман ба ту маска хоҳам дод, фақат дуздӣ накун.

Аммо «одати бад балои ҷон» гуфтаанд. Рӯзе холаи Моҳира баъди ношто кардан, дастархонро нағундошта, аз ҷӯйчаи байни ҳавлӣ, рӯи дар ва махсусан гирди суфаро барои

салқин шудан, об зад. Ҳамин лаҳзаро истифода бурда, Барфак маскаи болои лаъличаро гирифту гурехт. Холаи Моҳира ин амалро дида, сахт дар қаҳр шуда, аз қафои Барфак:

– Ҳой дузд, нагуфтам, дигар ин корро накун, боз дуздидӣ. Рав, чор тарафат қибла, дигар намехоҳам на болои зону шинонамат, на бо ту сӯҳбат кунам. Ҳайфи дӯстдориҳои ман, дигар намехоҳам рӯятро бинам.

Гурба аз карда пушаймон буд, аммо ба назди хола омадан метарсид. Болои каҳдон хост каме пинак равад, нашуд. Димоғаш пур аз чангу хок шуд. Шикамаш низ нақора менавохт. Аз дил гузаронд «чӣ кори кардаам буд, беақл. Охир, дар хонаи хола болои болишти парӣ ва зонувони мулоим ҷои хобам буд. Бомаззатарин хӯрокҳо насибам. Бечора хола, барои он, ки хобам барад, афсона мегуфт, гоҳ-гоҳ сурудам мехонд. Дуздӣ кори баде будааст. Маро аз ҳама чиз маҳрум кард. Аз меҳру муҳаббати холаи меҳрубон, аз ризқу рӯзӣ, аз обрӯ охир, ман ҳам мувофиқи худ обрӯ доштам. Маро дузд ном хоҳанд бурд, шарманда шудам, шарманда. Ҳайф, сад ҳайф, ки дар намакдон туф кардам. Дигар хола маро намебахшад.»

* * *

Рӯбоҳе бо бачаҳои хурдсоли худ, дар бешаи назди деҳа, рӯз мегузаронид. Бачаҳои хурдакакаш дар хонаи тангу торик ҳамеша гурусна буданд ва аз модар хурок мепурсиданд.



Ин хоначаи тангу торро пеш аз таваллудкунӣ дар қабати теппа канда буд. Хонааш сурохиеро мемонд, ки дарунаш каме кушодтар буд. Ин ҳам ба хотири фарзандон, худаш ки танҳо буд, на ғами хона дошту на ғами шикам. Рӯбоҳ аз хонаи хурдакаки худ баромада, тадбир меҷӯст, ки чӣ кор кунам, туъмае ёбам, то фарзандонам аз гушнагӣ намиранд.

Ин аст рисолати модарӣ, хоҳ инсон бошад, хоҳ ҳайвон ӯ модар аст. Вазифадор аст, фарзандонашро рӯи по кунад.

Рӯбоҳ оҳиста-оҳиста сӯи деҳа равон шуд..



Ба кадом хонае наздик шавад, аккоси сагро шунида, дум хода мекард. Расид ба хонаи холаи Моҳира. Аз дарун ягон садое набуд. Аз қафои хона гузашта ба катаки мурғҳо наздик шуд.



Ҳаво хеле торик буд. Рӯбоҳ ба осмон нигарист; на ситора менамуду на моҳ, ки рӯшноӣ кунад. Аз дил гузаронид «кош,

маҳтобшаб мебуд, пеши поямро намебинам». Шунида буд, ки дар торикӣ чашми мурғ чизеро намебинад. Даст дароз кард. Досташ ба чизе бархурд, ки хеле пашми мулоим дошт. Дар ҳамин асно қуд-қуди хурусҳо баланд шуд. Рӯбоҳ саросема аз тарси он, ки соҳибхона ба ӯ ҳуҷум мекунад, он чизи дар досташ бударо гирифту тез гурехт.



Қуд-қуди хурусонро шунида, сагони деҳа низ ба иҷрои вазифаи худ шуруъ карданд. Аккоси сагон на танҳо деҳа, балки бешаро низ пур кард.

Вақти давидан рӯбоҳ ҳис кард, ки сайдаш ким чи хел садо баровардa истодааст, аммо овози сагон ҳамаро пахш карда буд. Рӯбоҳ ба хонааш даромада, сайди бо азоб ёфтаашро ба кунҷаке партофт. Бачаҳояш бошад, модарро дидан замон ба ӯ часпида ба макидан оғозиданд. Аз гушнагӣ рӯбоҳ шир ҳам надошт, ки бачаҳояшро қонеъ кунад. Онҳо баъди кӯшишҳои зиёди бенатиҷа синаи модарро раҳо карданд.

Дар кунҷи хонаи рубоҳ сайди ӯ ба ҷунбиш даромад ва бо овози хеле хаста мияв-мияв гуфт.

Рӯбоҳ бо қаҳр ба кунҷи хона нигарист:

– – Ин мурғ нест-ку! Бо диққат нигариста гурба будани сайдашро фаҳмида дар ғазаб шуд рӯбоҳ:

– Ту гурбаӣ?

– Бале – ба зур тарсида-тарсида овоз баровард Барфак.

– Назди катаки мурғон чӣ кор мекардӣ?

Гурба бо таасуф ҳодисаи шударо ба рӯбоҳ нақл кард:

– – Маро соҳиби хона пеш кард, дигар ҷои рафт надоштам, назди катаки мурғ хобам бурдааст. Рӯбоҳҷон, илтимос, маро нахӯр. Ман ба ту лозим мешавам,-гуфт илтиҷоомез Барфак.

– Ту чиҳо мегӯи, ман рӯбоҳам ва беҳтарин мурғҳоро мехурам. Ту гурбаи пашмини бадбӯйро дар хонаам роҳ ҳам намедиҳам, хӯрдан он тараф истад.

– Рӯбоҳҷон, хоҳиш мекунам, маро пеш накун, дар ин бешаи торик ман метарсам.

Дар ҳамин ҳолат чашми гурба ба каламуше афтид, ки дар кунҷи хонаи рӯбоҳ аз сурохие сар берун карда буд. Гурба бо як чолокие каламушро зери чанголҳояш гирифта:



– Ана, рӯбоҳ, агар ман каламушро намедоштам, ба фарзандони азизи ту зарар оварданаш мумкин буд.

Рӯбоҳ каламуши калони дасти гурбаро дида, ба фикр фурӯ рафт. «Гурба рост мегӯяд. Ҳоло фарзандони ман хеле хурд ҳастанд. Ки медонад, ин каламушҳо дар дохили сӯрох мумкин аз сад зиёд бошанд.»

– Гурба, ту сайди ман ҳастӣ ва ман метавонам бо ту ҳар чӣ хоҳам, онро кунам. Як маслиҳат мекунем; то калон шудани бачаҳои ман ту онҳоро аз ин кламушҳо ҳифз менамоӣ. Ман ба ту хӯрок намеорам, ҳамин каламушҳо хӯрокат мешаванд. Баъд ман туро раҳо хоҳам кард.



Гурба ба таклифи рӯбоҳ розӣ шуд. Каламуши доштаашро хӯрда натавонист. Рӯзи дигар боз як каламуш дошт, онро ҳам нахӯрд. Хӯрокҳои холаи Моҳира ба ёдаш омада дилаш гум мезад. Садҳо бор аз карда пушаймон буд. Дар хонаи тангу тори рӯбоҳ дилаш аз шабҳои торик дида сиёҳтар мешуд. Рӯзи сеюм баъди аз хона баромадани рӯбоҳ ӯ низ хонаи рӯбоҳро тарк кард.

* * *

Дар муддати се рӯз ҷои накофтаи холаи Моҳира намонд. Тамоми ҳамсояҳоро суроғ кард, ки мабодо онҳо гурбаашро надида бошанд. Аммо кофтуковҳо бенатиҷа.

– Чи кори кардаам буд. Барои каме маска дӯсти азизамро аз хона пеш кардам. Гӯр ҳамон маска шавад. Охир, гов дӯшида ҷурғот мехобонам, онро маска мекунам, Барфакам маска нахӯрад, кӣ хӯрад. Дар пеш тирамоҳ, баъд зимистон. Бечора Барфакам дар куҷо бошад-гуфта холаи Моҳира ашки чашмонашро бо нуги рӯймоли калони сафедаш пок кард.

Барфак бошад, аз хонаи рӯбоҳ гурехта базур роҳи деҳаро ёфт. Дар пеши хонаи хола каме истода, пушаймон гаштаву худро маломат мекард:

– Хайр, чӣ кор кунам, кушад ҳам, хола кушадам-гуфта оҳиста аз болои бом ба ҳавлӣ нигарист. Холаи азизро дид, ки лаби суфа амонатак нишаста ашк мерезад. Гурба оҳиста мияв-мияв гуфт. Хола сар боло карда Барфакашро дид, ашки чашмон пок кард ва бағал кушода:



– Барфакҷонам, омадӣ, хуб кардӣ, биё! Охир, медонӣ-ку, духтарҳо дар ғами хонаву дару бачу качи худ. Ҳамин ту мондаӣ ҳамроҳаку ғамбарорам. Беҳуда нагуфтаанд:

*Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст,*
*Дар парешонҳолию дармондагӣ.*

Дӯсту ғамбарору ҳамроҳам ту ҳастӣ, Барфакҷонам. Одамда, хато кардам. Нарав ҳеҷ куҷо, нарав ҷонам, нарав!!!

## ХОБИ ЗАРГӮШ

Буд набуд заргӯшаке буд. Ӯ хеле тарсончак буд. Аз шунидани ҳар гуна садо мисли маҷнунбед меларзид.



Шабе заргӯш хоб дид. Зери буттае нишаста аз тақдири бадаш оби дида меард. Аз куҷое модараш рӯ ба рӯяш ҳозир шуд. Заргӯшак модарро дар ёд надошт. Дар хурдии ӯ модараш ба доми шикорчӣ афтода, дар деги занаш бирён шуда буд.

– Ҷонакам, чи шуд ба ту? Чаро зери бутта нишаста оби дида мекунӣ? Рози дилатро ба модар гӯй, сабук мешавӣ.

– Модарҷон, чӣ хел нанолам? Тақдири баде, ки мо заргӯшон дорем, касе надорад. Шикорчиҳо, сагҳо, гург, рӯбоҳ хатто парандаҳое мисли уқоб мехоханд моро луқмаи хом кунанд. Худро муҳофизат карда наметавонем. На мисли ҷайра хор дорем, на мисли санҷоб ба дарахт баромада

метавонем, на мисли муш таги замин даромада, на мисли парандаҳо бол дорем. Аз хама аламовараш тарсончакем, аз шунидани садое диламон зада бедвор меларзем.



– Ҷонакам, бисёр ғам нахӯр, шукр гӯй, ки думи кӯтох дорӣ ва сагон онро дошта наметавонанд. Мисли рӯбох думи дароз медоштӣ чи кор мекардӣ?

Заргӯш аз хоб хест, гашта ба думаш нигоҳ карда, шукр гуфт, ки думи кӯтох дорад.

## ШОҲПАРАК

Буд набуд як Шоҳпараки хеле зебо буд. Болҳои рангоранги ӯ бинандаро дар ҳайрат меовард. Ӯ аз зебоии худ меболид. Тамоми рӯз болои гулҳо парвоз карда болҳои зебояшро намоишкорона меафшонд.



Шоҳпарак дугонае дошт, бо ном Ору, ки ҳарду ошиқи гул буданд.

Дугонаҳо болои гулҳо парвоз карда яке бӯй мекашиду бо болҳои зебояш менозид, дигаре шаҳд ҷамъ меовард.



Шоҳпарак тоқати як ҷо истодан надошт. Аз як гул ба дигаре парида фақат бӯй мекашид. Ору бошад хеле ботамкину ҳалиму меҳрубон ва меҳнатдӯст буд. Шаҳди бо нозукиҳои зиёд ҷамъовардаашро ба хона бурда, аз назорати модар мегузаронид ва дар ҷои даркорӣ холӣ мекард.

Мавсими рӯиданҳою шукуфтанҳо ба охир расид ва фасли тирамоҳ фасли ҷамъоварию ҷобаҷо гузорӣ ҳам расид.

Шоҳпарак ба Ору нигариста:

– Дугонаи азизам, Оруҷон, бас будагист ҷамъу гир кардан, биё, каме рақсу бозӣ кунем, аз охирин гулҳо бӯйи ширини зиндагӣ бишамем, лаззати машом диҳем, – гуфт.

– Дугонаҷон, вақти истироҳат фасли зимистон аст. Ҳоло ҳар як рӯзи офтобиро самаранок бояд истифода бурд.

– Оруҷон, ин қадар ҷон накан, агар ба ту шаҳд лозим бошад, биё, туро ба ҷое мебарам, ки бе ягон меҳнат шаҳди бисёре ҷамъ меоварӣ.



Дугонаҳо париданд сӯи хонае, ки тифлашонро гаҳворабандон мекарданд. Рӯи дастархон аз нозу неъмат пур: мураббо, асал, ширинӣ, гулоб, шарбатҳои гуногун ва бисёр чизҳои дигари бомазза.

Шоҳпарак парид рӯи дастархон, Ору бошад дар гӯшае истода амали ӯро наззора кард.

Шоҳпарак чашид аз гулоб, чашид аз мураббо, аммо бахташ омад накард, болои асал пояш лағжид ва парҳои зебояш ба асал часпида зӯри

парвоз кардан наёфт.

Соҳиби хона:

– Киш-киш, парандаи беақл, – гуфту бо шохинча болҳои Шоҳпаракро аз асал ҷудо карда ба замин партофт. Шоҳпарак нолону гирён бо як азоб болҳои шикастаашро ғундошта парвоз карданӣ шуд, аммо натавонист.

Ору ба ёрии дӯсташ расида омаду ба ӯ барои паридан ёрӣ дода гуфт: – дугонаи азизам, беҳуда нагуфтаанд «бе меҳнат ҳеҷ роҳат нест».

## МУСИЧА

Буд набуд мусичае буд. Мусича хост лона сохта, тухм гузошта, чӯҷа барорад. Ҷойҳои зиёдеро аз назар гузаронида таги долони холаи Назокатро интихоб кард. Аз ҳар куҷо хору хасу лой оварда таги долон лонае сохт.

Рӯзе соҳибхона чирик-чирики форами чӯҷаҳои мусичаро шунида, ба лонаи онҳо назар кард. Се мусича беқаророна овоз бароварда, бо даҳони боз модарро интизорӣ мекашиданд.



Мусича дар минқораш анвои гуногуни ғизоро меоварду чуҷаҳояшро сер мекард. Ин ҳолат се-чор рӯз давом кард.

Соҳибхона ҳар субҳидам аз хоб мехесту қабл аз оғози корҳои хона ба лонаи мусича назар карда аз рафтори онҳо ҳаловат мебурд. Рӯзе дид, ки мусича бо болҳояш чӯҷачаашро аз лона берун кардан мехоҳад. Чуҷаи бечора парвоз карда наметавонад, аммо модар ӯро тела медод.

Зан аз ин рафтори мусича дар ҳайрат шуд. «Наход парандагон дар нисбати фарзанди худ чунин бераҳмиро раво бинанд? Чаро? Чаро ӯ фарзандашро озор медиҳад? Охир, бечора чӯҷа ҳозир аз лона ба замин афтода мемурад», – аз дил мегузарононд соҳибхона.

Мусича бори дигар чӯҷачаашро аз лона берун тела дод. Чӯҷаи хурдакак ба замин сарозер шуд. Аз тарс овоз мебароварду пару болҳояшро меафшонд, ба замин нарасида парвоз кард.

Ҳамин тавр, баъди чанд рӯз мусичаҳо парвозӣ шуда, лонаро тарк карданд.



Зан дар банди андеша афтод: «Ин мусича ба ман сабақи зиндагӣ омӯхт. Мо, фарзандони Одам, пайваста кӯшиш мекунем, ки фарзандонамон аз канорамон дур набошанд. Мустақилияташонро маҳдуд месозем, аммо мусича ба фарзандонаш парвоз кардан, озодона болу пар заданро меомӯзад. Ана, ин аст мақому манзалати модар будан ва фарзандро тарбият кардан!»

# МУНДАРИҶА

Муҳаррири ороиш *Ромиш Лоиқзода*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 06.09.2018 супорида шуд.
Чопаш 12.09.2018 ба имзо расид. Андозаи 60х84 1/8.
Ҷузъи чопӣ 4,0. Адади нашр 2000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар матбааи ҶДММ “Меҳрона 2017” чоп шудааст.